آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

27 августи соли 2025
Чоршанбе
№ 69 (15184)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# ӮЗБЕКИСТОН – УРДУН:
# МУНОСИБАТИ АНЪАНАВИИ ДӮСТОНА ВА ҲАМКОРИИ БИСЁРҶАНБАИ АМАЛӢ МУСТАҲКАМ МЕГАРДАНД

**Бинобар даъвати Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев Шоҳи Шоҳигарии Ҳошимиёни Урдун Абдулло II ибн ал-Ҳусайн 25-26 август аз мамлакати мо бо ташрифи давлатӣ боздид ба амал овард.**



Урдун давлате дар Шарқи Наздик буда, дорои 12 округи маъмурӣ ва 11,7 миллион аҳолӣ мебошад. Бинобар маълумоти расмии Бонки ҷаҳонӣ соли 2024 ММД-и мамлакат 53,3 миллиард долларро ташкил намуд ва ММД ба ҳар сари аҳолӣ 4700 долларро ташкил менамояд. Ҳаҷми савдои хориҷаи он аз 37,1 миллиард доллар зиёд аст.

Асоси содироти Урдунро фосфат, пӯшоки омода, маҳсулоти бофандагӣ ва саноати кимиё ташкил медиҳад. Мамлакат ба шумори кишварҳои маъруфи ҷаҳонии содиркунандаи фосфат дохил мегардад, ки он бештар дар истеҳсоли нурӣ ва моводи кимиёӣ истифода мегардад. Қисми зиёди маҳсулоти бофандагӣ ба ИМА ва мамлакатҳои Иттиҳоди Аврупо фурӯхта мешавад.

Иқтисодиёти Урдун маъмулан ба соҳаи хидматрасонӣ равона гардидааст, ки саҳми он дар ММД 75,5 фоизро ташкил медиҳад. Ба саҳми саноат 19,6 фоиз, ба кишоварзӣ 4,9 фоиз рост меояд.

Дар таркиби даромади миллӣ сайёҳӣ нақши муҳим дорад. Дар Урдун захираҳои табиӣ, хусусан нафт ва газ миқдоран кам аст. Иқтисодиёти мамлакат аз бисёр ҷиҳат аз фурӯши маҳсулоти фосфат, калий ва моводи кимиёӣ вобаста мебошад.

Дастгирии байналмилалии молиявӣ барои иқтисодиёти Урдун аҳамияти фавқулода муҳим дорад. Мамлакат аз Сандуқи байналмилалии асъор, Бонки ҷаҳонӣ ва мамлакатҳои халиҷи Форс кумак мегирад. Ин шарикӣ, дар баробари кӯшиш барои диверсификатсияи иқтисодиёт ва такомули инфрасохтор, ба нигоҳ доштани суботнокӣ дар шароити мураккаби геосиёсӣ ва вазъи иқтисодӣ мусоидат менамояд.

Дар индекси озодии иқтисодӣ Урдун ҷойи 69-ро дар ҷаҳон ва дар минтақа ҷойи 6-умро ишғол менамояд. Дар руйхати муҳити корӣ мамлакат дар мақоми 65-ум аст.

Урдун ба панҷгонаи калонтарини истеҳсолгарони фосфат дар ҷаҳон дохил мегардад. Захираҳои тасбитшудаи он аз 1,5 миллиард тонна зиёд аст. Соли 2024 ҳаҷми умумии истихроҷи фосфати хушк 11,5 миллион тоннаро ташкил намуд.

Муносибати дипломатии байни Ӯзбекистон ва Урдун соли 1993 барқарор гаштааст. Аз он замон ҳамкории дуҷониба муттасил инкишоф меёбад. Соли 2024 ҳаҷми табодули мол қариб 4,6 миллион долларро ташкил намуд, дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ ба 4,3 миллион доллар расид. Ҳар ду мамлакат барои ба маротиб афзудани табодули амвол зарфияти зиёд доранд ва аллакай дар ин самт фаъолона кор мебаранд.

25 август дар аэропорти шаҳри Самарқанд Шоҳи Шоҳигарии Ҳошимиёни Урдун Абдулло II ибн ал-Ҳусайнро Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев пешвоз гирифт.

Пешвоён бо ёдгориҳои муҳташами шаҳри қадима шинос гардиданд.

Чорабиниҳои асосии ташриф 26 август дар Маркази кунгураи Самарқанд ба вуқӯъ пайвастанд.

Аввал маросими пешвозгирии расмии Шоҳи Шоҳигарии Ҳошимиёни Урдун Абдулло II ибн ал-Ҳусайн баргузор гардид.

Дирӯз, 26 август дар шаҳри Самарқанд чорабиниҳои асосии сафар бо маросими истиқболи расмии роҳбари Урдун оғоз ёфтанд.

Дар майдони назди бинои Маркази кунгураҳо қаровули фахрӣ саф кашид. Президенти Ӯзбекистон меҳмони олиқадрро самимона пешвоз гирифт ва ба шоҳсуфа даъват намуд.

Оркестри ҳарбӣ сурудҳои давлатии ду мамлакатро иҷро кард.

Президенти Ӯзбекистон ва Шоҳи Урдун аз назди қаровули фахрӣ гузаштанд ва аъзои ҳайатҳои расмиро хайрамақдам гуфтанд.

Пеш аз оғози гуфтугӯҳои расмӣ Шоҳи Урдун Абдулло II ибн ал-Ҳусайн бо ҳамроҳии Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо намоиши маҳсулоти содиротӣ, ки дар кишвари мо истеҳсол мешаванд, шинос гардид.

Дар Маркази кунгураҳои шаҳри Самарқанд номгӯйи васеи маҳсулоти баландсифат барои бозорҳои хориҷӣ гузошта шуданд, ки ба меъёрҳои байналхалқӣ ҷавобгӯ мебошанд.

Ба эътибори меҳмони олиқадр дар бораи давраҳои технологӣ, иқтидорҳои истеҳсолӣ, инноватсияҳо ва таҷҳизоти навтарини истифодашаванда дар соҳаҳои чун истеҳсоли маъданҳои кӯҳӣ, доруворӣ, кимиё, бофандагӣ, саноати ҷавоҳирот, хоҷагии қишлоқ ва сектори IT маълумоти муфассал дода шуд.

Намоишгоҳ дар худ намунаҳои маҳсулоти тайёри саноатиро бо арзиши баланди иловагӣ: воситаҳои доруворӣ, таҷҳизоти тиббӣ, нуриҳои минералӣ, маҳсулоти бофандагӣ ва ҷавоҳирот, маснуоти саноати халқӣ, IT ва ғайраро таҷассум мекард.

Роҳбари Урдун ба маҳсулот ва иқтидори саноатии Ӯзбекистон баҳои баланд дод.

Сарони давлатҳо муҳимияти вусъат додани кооператсияи корхонаҳои бузург, мубодилаи тарафайни таҷриба ва технологияҳои нақлиётиро таъкид намуданд.

Пас аз он дар Маркази кунгураҳои шаҳри Самарқанд гуфтушуниди Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Шоҳи Шоҳигарии Ҳошимиёни Урдун Абдулло II ибн ал-Ҳусайн ба амал омад.

Масъалаҳои рушди минбаъдаи мулоқоти сиёсӣ ва табодули фарҳангиву инсонпарварӣ, афзун сохтани ҳамкориҳои тарафайни тиҷоративу иқтисодӣ ва сармоявӣ баррасӣ шуданд.

Дар ибтидои мулоқот Шоҳи Урдун ба роҳбари давлати мо барои даъваташ, ҳамчунин истиқболи гарму самимона, ки нисбат ба ҳайати Урдун зоҳир гардид, миннатдории самимӣ изҳор намуд.

Таъкид шуд, ки сафари нахустин дар таърихи муносибатҳои дипломатӣ дар сатҳи олӣ дар ҳамкориҳои дуҷониба даврони навро боз мекунад ва имкон медиҳад он ба дараҷаи шарикии фарогир бардошта шавад.

Муносибатҳои мустаҳкамшудаистодаи дӯстии анъанавӣ ва ҳамкориҳои бисёрҷанбаи амалии байни Ӯзбекистон ва Урдун, ҳамчунин ҳаммонандии ислоҳоти стратегие, ки дар ҳар ду мамлакат татбиқ мешаванд, қайд карда шуд.

Сарварон ҳамкориҳои самарабахши тарафайнро бо қаноатмандӣ зикр карда, зарурияти фаъолона идома додани ташаббусҳои дастгирии дуҷонибаро дар доираи Созмони Милали Муттаҳид, Созмони ҳамкории исломӣ ва дигар сохторҳои байналхалқӣ таъкид намуданд.

Зарурияти идома додани мулоқотҳои пурмуҳтавои байни вазоратҳои корҳои хориҷии ду мамлакат ва робитаҳои қарини байниидоравӣ зикр шуд.

Омода будани ҷонибҳо ба чандин карат зиёд кардани нишондиҳандаҳои савдои дуҷониба, татбиқсозии амалии лоиҳаҳои муштараки сармоявӣ ва қарордодҳои тиҷоратӣ қайд гардид.

Дар бораи афзунсозии кооператсия дар ҷабҳаҳои зерин: саноати кимиё ва бофандагӣ, кишоварзии «оқилона», геология, нигаҳдории тандурустӣ ва доруворӣ, сайёҳӣ ва ҷабҳаҳои дигар муоҳидаҳо ба имзо расиданд.

Ба роҳ мондани кори Комиссияи байниҳукуматӣ ва Шӯрои соҳибкорӣ, аллакай охири соли равон баргузор намудани ҷамъомадҳои аввалини онҳо пешниҳод шуд. Истиқрори робитаҳои дарозмуҳлати шарикии байни доираҳои корчаллон ва баргузор намудани анҷумани тиҷоратии ӯзбекистониву урдунӣ бо иштироки ширкатҳо ва истеҳсолгарони пешсафи ду мамлакат хидмат мекунанд.

Омода будан ба минбаъд фаъол сохтани мубодилаи фарҳангӣ, таълимӣ ва сайёҳӣ, аз ҷумла аз тариқи баргузор кардани ҳафтаҳои муштараки фарҳангӣ, консертҳо, экспозитсия ва намоишгоҳҳо изҳор гардид.

Робитаҳои дӯстонаи байни халқҳои Ӯзбекистон ва Урдун таърихи қадима доранд ва ҳоли ҳозир ба такони нави пешрафт муваффақ мешаванд. Ба ин маънӣ масъалаҳои рушди ҳамкорӣ дар соҳаҳои омӯзиши муштараки мероси умумии маънавӣ, мустаҳкам намудани ҳамкориҳои байни марказҳои тадқиқотӣ ва пажӯҳишгоҳҳои исломшиносии ду мамлакат баррасӣ гардиданд.

Ҷонибҳо бинобар зарурияти пешбурди муштараки ғояҳои кушодадилӣ ва маърифати исломӣ ба фикру ақидаи ягона расиданд. Роҳбари давлати мо ба ташаббуси Шоҳ Абдулло II «Ҷараёни Акаб», ки 10 сол муқаддам ба роҳ гузошта шуда буд, баҳои баланд дод ва пешниҳод намуд, ки яке аз ҷамъомадҳои ояндаи ин ташаббуси муҳим дар шаҳри Самарқанд гузаронида шавад.

Таъкид шуд, ки ба роҳ мондани хатсайрҳои мунтазами авиатсионии байни пойтахтҳои ду кишвар ва ҷорӣ кардани режими бидуни раводид ба боло рафтани қарордодҳои корчаллонӣ ва афзудани селаи тарафайни сайёҳӣ мусоидат хоҳад кард.

Бинобар масъалаҳои рӯзмарраи рӯзномаи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ низ табодули афкор ба амал омад.

Дар анҷоми гуфтушунидҳо Шоҳ Абдулло II ибн ал-Ҳусайн роҳбари давлати моро даъват намуд, ки ба Урдун сафар анҷом диҳад.

Гуфтушунидҳо дар муҳити конструктивӣ, ошкоро ва ҳусни тафоҳум гузаштанд.

Дар поёни гуфтугӯҳои босамаре, ки дар шаҳри Самарқанд баргузор гардид, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Шоҳи Шоҳигарии Ҳошимиёни Урдун Абдулло II ибн ал-Ҳусайн Изҳороти муштаракро дар бораи мустаҳкам намудани муносибати шарикӣ имзо карданд.

Умуман дар доираи сафар 15 ҳуҷҷати дуҷониба, аз ҷумла:

– Муоҳида дар бораи экстрадитсия;

– Муоҳида дар бораи таъсис додани Комиссияҳои муштарак;

– Муоҳида дар бораи барҳам додани талаботи раводид;

– Муоҳида дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаҳои таълими олӣ ва тадқиқоти илмӣ;

– Муоҳида дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ;

– Ҳуҷҷат дар бораи дохил кардани тағйирот ба Муоҳидаи байниҳукуматӣ оид ба муомилоти ҳавоӣ;

– Ҳуҷҷат дар бораи табодули онлайни иттилооти пешакӣ доир ба ҳаракати молҳо ва воситаҳои нақлиёт;

– Муоҳида дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи хоҷагии қишлоқ;

– Муоҳида дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи ҳифз ва карантини рустаниҳо;

– Муоҳида дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи ветеринария;

– Меморандум дар соҳаи стандартикунонӣ, метрология ва баҳои мувофиқатҳо;

– Меморандуми байниидоравӣ дар бораи ҳусни тафоҳум бинобар фаъолияти динҳо;

– Дурнамои чорабиниҳои амалӣ оид ба татбиқ сохтани муоҳидаҳое, ки дар ҷараёни сафари давлатии Шоҳи Шоҳигарии Ҳошимиёни Урдун Абдулло II ибн ал-Ҳусайн ба имзо расиданд.

Дар доираи сафари давлатии Шоҳи Урдун маросими мукофотонидани Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо Ордени Урдун «Ан-Наҳда» («Эҳё») ба амал омад.

Мукофоти олии кишвари мазкурро ба роҳбари давлати мо шахсан Шоҳи Шоҳигарии Ҳошимиёни Урдун Абдулло II ибн ал-Ҳусайн супурд.

– Ман ин мукофотро бо шарафи бузург ба сифати эътирофи сазоворона ва баҳои ҳаққонӣ ба саъю кӯшишҳои умумии мо бинобар вусъат додани ҳамкориҳои бисёрҷанба, ҳамчунин ҳамчун нишони муносибати дӯстона ва эҳтиром ба халқи Ӯзбекистон, ки дар кишвари мо асоси Эҳёи Сеюмро фароҳам меоварад, қабул мекунам, – таъкид кард Президент.

Бинобар натиҷаи сафари таърихии Шоҳи Урдун ба Ӯзбекистон ва гуфтушунидҳои пурмаҳсул муносибати байни кишварҳои мо ба дараҷаи нави шарикӣ бардошта шуд.

Сарварон ба мувофиқа расиданд, ки ҳамкориҳоро дар соҳаҳои сиёсӣ, тиҷоратию иқтисодӣ, сармоявӣ, нақлиётӣ ва фарҳангиву инсонпарварӣ ҳамаҷониба инкишоф диҳанд.

Роҳбари давлати мо саҳми Шоҳ Абдулло II ибн ал-Ҳусайнро бобати рушди муттасили Урдун, татбиқ намудани сиёсати сулҳпарваронаи хориҷии мамлакат, афзудани нуфуз ва обрӯи он дар ҷомеаи байналхалқӣ махсус таъкид намуд.

Президенти кишвари мо таъкид кард, ки ин мукофоти олӣ ба сифати рамзи дӯстии мустаҳками байни халқҳои Ӯзбекистон ва Урдун мақоми сазовор пайдо хоҳад кард.

Сарвари давлати мо бори дигар ба Шоҳ Абдулло II ибн ал-Ҳусайн барои мукофоти олӣ миннатдорӣ баён кард ва ба халқи Урдун сулҳу салоҳ ва шукуфоӣ орзу намуд.

Баъди анҷоми нишасти Ӯзбекистон ва Урдун маросими шинондани ниҳол доир гардид.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Шоҳи Урдун Абдулло II ибн ал-Ҳусейн дар боғи Маркази кунгураи Самарқанд ниҳоли булут шинонданд.

Ин маросим рамзи оғози марҳилаи нав дар муносибатҳои Ӯзбекистону Урдун ва талоши сарони мамлакатҳо дар таҳкими дӯстии халқҳо гардид.

Баъди анҷоми чорабиниҳо, Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев меҳмони олиқадрро дар Фурудгоҳи байналмилалии Самарқанд гусел кард.

Метавон гуфт, ки сафари давлатии Шоҳи Урдун ба кишварамон, ки бо даъвати Президенти мо барои аввалин бор дар таърихи муносибатҳои дипломатии Ӯзбекистону Урдун сурат гирифт, бо оғоз бахшидани худ ба марҳалаи нави ҳамкориҳои дуҷониба ва дар роҳи расидан ба сатҳи шарикии ҳамаҷониба молики аҳамият гардид.

Дар натиҷаи мулоқоти самимона ва дӯстона, музокироти судманди сарони давлатҳо дар зарфи ду рӯз, самтҳои афзалиятнок ва дурнамои рушди ҳамкориҳо муайян гардида, барои тавсеаи минбаъдаи онҳо ба мувофиқа расиданд.

**Зиёдулло ҶОНИБЕКОВ,**
**Ғолиб ҲАСАНОВ,**
**Икром АВВАЛБОЕВ,**
**мухбирони махсуси ЎзА**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

## ӮЗБЕКИСТОН – ЧИН:
## ҲАМОҲАНГИИ АРЗИШҲО ДАР САНЪАТ

***Дар Хонаи суратҳои Тошканд намоишгоҳи суратҳо таҳти унвони «Чини аҷиб, Шинҷони зебо», ки намунаи олии ҳамкориҳои фарҳангии байналмилалӣ мебошад, ифтитоҳ ёфт.***

Намоишгоҳ бо мақсади таҳкими минбаъдаи робитаҳои дӯстонаи байни халқҳои ду давлат, густариши гуфтугӯи байнифарҳангӣ ва ба марҳилаи нави мубодилаи эҷодӣ баровардани ин ҳамкорӣ ташкил гардида, ба 70-солагии таъсиси ноҳияи Мухтори Шинҷон-Уйғур бахшида шуд.

Дар намоишгоҳ осори классикӣ ва муосири санъати тасвирӣ, суратҳои бадеӣ, расму оинҳои миллӣ, манзараҳои нотакрори табиӣ, образҳои бадеӣ, ки хотираҳои таърихӣ ва рушди муосирро ифода мекунанд ва аз ҷониби ҳунармандони Шинҷон офарида шудаанд, ба намоиш гузошта шудааст.

– Риштаҳои дӯстии байни Ӯзбекистон ва Чин аз замони Роҳи бузурги абрешим оғоз ёфта, то ба имрӯз идома доранд, – гуфт Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Мардумии Чин дар Ӯзбекистон Ю Жун. – Ин қаробат, ки тӯли асрҳо ташаккул ёфтааст, имрӯз мазмуни тоза касб мекунад. Ба туфайли сиёсати оқилонаи сарварони ду мамлакат, муносибатҳо ба сатҳи ҳамкории фарогир ва амиқ расидаанд. Дар доираи ташаббуси «Як камарбанд – як роҳ» халқҳои мо аз лиҳози фарҳангӣ боз ҳам наздиктар шуда, тавассути санъат дӯстӣ ва фаҳмиши мутақобила таҳким меёбад.

– Санъат – забони қалбҳост, он марзҳои миллат ва маконро убур менамояд, – гуфт раиси Академияи бадеии Ӯзбекистон Акмал Нур. – Имрӯз мо манзараҳои рангини Шинҷонро дар Тошканд тамошо кардем ва метавонем гуфт, ки ин на танҳо намоиши санъат, балки ифодаи нави дӯстии ду халқ аст. Ин намоишгоҳ нақши Академияи бадеии Ӯзбекистонро дар саҳнаи ҳамкории фарҳангии байналмилалӣ боз ҳам мустаҳкамтар намуда, аз қарибтар шудани халқҳои мо тавассути тафаккури бадеӣ гувоҳӣ медиҳад.

Тавре таъкид гардид, намоишгоҳи «Чини аҷиб, Шинҷони зебо» арзишҳои муштараки ду халқ, риштаҳои дӯстона ва дурнамои ҳамкориҳоро дар оянда таҷассум намуда, ба таҳкими робитаҳои фарҳангии Ӯзбекистон ва Чин мусоидат мекунад.

Намоишгоҳ то 30 август идома меёбад.

**Гулноза БОБОЕВА,**
**мухбири ЎзА**

***Дар арафаи 34-умин солгарди Истиқлоли давлатии Ӯзбекистон дар соҳаи ҳифзи нигаҳдории тандурустии ноҳияи Шофиркон воқеаи фаромӯшнопазир рух дод. Бинои замонавии панҷошёнаи маркази тиббии нави ноҳия ба истифода супурда шуд.***

## МАРКАЗИ ТИББИИ НАВИ ШОФИРКОН БА КОР ДАРОМАД

Ин имкон медиҳад, ки ба аҳолии ноҳия хидмати сифатноки тиббӣ расонда шавад. Дар маросими тантанавии кушодашавии маркази замонавии тиббӣ вазири Вазорати ҳифзи нигаҳдории тандурустии ҷумҳурӣ Асилбек Худоёров, мутасаддиёни соҳаи дахлдори вилоят, ҳокими ноҳия Алишер Файзуллоев, намояндагони ҷамоатҳо, шифокорон иштирок карданд. Бинои нави иттиҳоди тиббӣ дорои 270 ҷой буда, шуъбаҳои муолиҷавӣ низ дар ҳамин иншооти азим ҷойгир гардиданд. Дар бино лабораторияҳои замонавӣ, хонаҳои ташхисгузорӣ, шуъбаҳои реаниматсияю ҷарроҳӣ, қабулгоҳ, дастгоҳҳои рақамикунонидашудаи рентген, МДТ, МСКТ, анестезиология, отоларингология, педиатрия, терапия, шуъбаҳои бачагона, маҷмӯи тавлид, кардиология, эндокринология, неврология ва ғайра мавҷуданд. Палатаҳои барҳавои муолиҷаи беморон, кабинетҳои кории духтурон бо таҷҳизоти зарурии замонавӣ таъмин шудаанд. Дар ин ҷо барои аҳолӣ хидматҳои амбулаторӣ низ расонда мешаванд.

Арзиши лоиҳавии бино 47 миллиарду 335 миллион сӯм буда, дар таҳхонаи он шуъбаҳои ёрирасон ҷойгиранд.

Дар тадбир ба бунёдкорони ин маркази замонавии тиббӣ арзи сипос намуда, ба онҳо ҳадяҳо супурда шуданд.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

Муносибат

# ДАВРАИ НАВ ДАР РОҲИ БОЗ ҲАМ БАЛАНД БАРДОШТАНИ БОВАРИИ АҲОЛӢ БА ХИДМАТИ ДАВЛАТӢ

***Дар кишвари мо низоми идоракунии давлатӣ зина ба зина трансформатсия шуда, тавассути институтҳои сиёсӣ ва ислоҳотҳои маъмурӣ бар асоси арзишҳои демократӣ, ба монанди фарогирӣ, шаффофият ва самаранокӣ аз нав ташаккул дода мешавад. Ислоҳотҳои ҷорӣ, пеш аз ҳама, ба коҳиш додани монеаҳои бюрократӣ дар идоракунии давлатӣ, афзалият додан ба манфиатҳои мардум, мутобиқсозӣ, зудӣ ва замонавӣ гардонидани фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ ва марказӣ равона шудаанд.***




Аммо муваффақияти ҳар гуна ислоҳоти сохторӣ, пеш аз ҳама, ба фаъолияти кадрҳое вобаста аст, ки онро амалӣ месозанд. Аз ин рӯ, ташаккули ҳайати кадрҳои соҳибихтисос ва масъулиятшинос яке аз масъалаҳои муҳими рӯз гардид. Маҳз бо ҳамин мақсад, 19 июни соли 2025 Президент Фармонро «Дар бораи ташкил кардани хидмати давлатии шаҳрвандӣ бо усулҳои нав ва чорабиниҳо оид ба ташаккули ҳайати хидматчиёни давлатӣ, ки ба касбият ва натиҷанокӣ равона шудаанд» имзо намуд. Ин фармон қадами стратегии нав ба сӯи баровардани низоми идоракунии давлатӣ ба марҳилаи сифатан нав гардид.

Фармон ба ташкили хидмати давлатии шаҳрвандӣ дар асоси меъёрҳои замонавӣ, равона сохтани кори хидматчиёни давлатӣ ба натиҷанокӣ, баланд бардоштани боварии аҳолӣ ба хидмати давлатӣ, ҷалби кадрҳои ояндадор ба соҳа ва ҷорӣ кардани низоми самараноки омода намудани онҳо ҳамчун мутахассисони касбӣ нигаронида шудааст. Дар таҳияи лоиҳаи фармон ҳамкории мутахассисони маҳаллӣ ва хориҷӣ таъмин гардид ва таҷрибаи кишварҳое чун Ирландия, Фаронса, Олмон, АМА, Латвия, Англия, Испания, ИМА, Куриёи Ҷанубӣ, Қазоқистон, Озарбойҷон, Босния ва Ҳерсеговина, Сингапур омӯхта шуд. Ин пухта ва ба меъёрҳои замонавӣ ҷавобгӯ будани ҳуҷҷатро таъмин кард.

### Самтҳои стратегии фармон

Бо фармон самтҳои асосии ташкили хидмати давлатии шаҳрвандӣ дар солҳои 2025–2026 бо усулҳои нав муайян гардиданд. Аз ҷумла, ҷорӣ намудани усул ва механизмҳои замонавӣ ва низоми ягонаи кор бо кадрҳо дар мақомоти давлатӣ, ташаккули захираи роҳбарони босалоҳият ва ояндадор, такмили минбаъдаи низоми омодасозии роҳбарони насли нав пешбинӣ шудааст.

Ғайр аз ин, аз лаҳзаи қабул шудан ба хидмати давлатии шаҳрвандӣ то охири фаъолияти меҳнатӣ барои кормандон ташкили рушди пайвастаи дониш ва салоҳиятҳои касбӣ ва мониторинги он, инчунин барои ҷалби бештари занон ба хидмати давлатӣ, баланд бардоштани таваҷҷуҳ, манфиатмандӣ ва боварии онҳо ба соҳа дар назар дошта шудааст. Ҳамчунин, амалӣ намудани Стратегияи рушди хидмати давлатии шаҳрвандӣ то соли 2030 ҳамчун самти афзалиятнок қайд шудааст.

### Раванди трансформатсия

Бо фармон як қатор механизмҳои нав дар соҳа ҷорӣ мегарданд. Аз ҷумла, минбаъд бо хидматчиёни давлатӣ, ки бори аввал ба хидмати давлатӣ қабул мешаванд, шартномаи меҳнатӣ аввал ба муҳлати як сол баста мешавад ва минбаъд вобаста ба натиҷаҳои мусбати фаъолияти онҳо ба муҳлати номаҳдуд дароз карда мешавад.

Ҳамчунин, хидматчиёни давлатӣ, ки бори аввал ба хидмати давлатӣ қабул мешаванд, ӯҳдадоранд курси махсуси «Воридшавӣ ба хидмати давлатӣ»-ро гузаранд ва минбаъд ҳар се сол ҳадди ақал як маротиба дар курсҳои такмили ихтисос ширкат намоянд. Баъди анҷоми ин курсҳо сатҳи донишҳои назариявӣ ва малакаҳои онҳо аз ташхиси махсус гузаронида мешавад.

Муҳим он аст, ки дар ташхис сатҳи дониши хидматчиёни давлатӣ аз рӯйи соҳа ва ҷабҳа, малакаи таҳияи ҳуҷҷатҳо ва корбарӣ ба забони давлатӣ, малакаҳои таҳлилӣ, роҳбарӣ ва коммуникатсионӣ, саводнокии компютерӣ, донистани навгониҳои қонунгузорӣ, таърихи Ӯзбекистон ва забонҳои хориҷӣ, дониши умумӣ, ташхиси равонӣ ва коэффисиенти зеҳнӣ (IQ) баҳогузорӣ мегардад.

Натиҷаҳои ташхис ва самаранокии фаъолият (KPI) дар низоми мониторинги доимии онлайн оид ба рушди салоҳиятҳои касбии кормандон ҷамъоварӣ ва таҳлил карда мешаванд. Дар асоси натиҷаҳои таҳлил харитаи рушди касбӣ – портфолиоси корманд таҳия мегардад. Дар асоси харитаи рушди касбӣ хидматчии давлатӣ бояд малакаҳои «нарм» ва «сахт»-и худро такмил диҳад ва ҳатман дар барномаҳои такмили ихтисос, аз ҷумла, барномаҳои таҳсили мустақил ширкат намояд.

Ҳамчунин, аз ҷониби вазорату идораҳо чорабиниҳои омӯзиш, тайёркунӣ, такмили ихтисос ва таҷрибаомӯзии кормандон дар хориҷи кишвар, аз ҷумла дар доираи лоиҳаҳое, ки бо грантҳо ё маблағҳои донорон амалӣ мешаванд, баргузор мегарданд.

Дар ин замина, бо ҳамкории Агентии рушди хидмати давлатӣ (феълан Агентии самаранокии идоракунӣ), Академияи сиёсати давлатӣ ва идоракунӣ ва Фонди «Эл-юрт умиди» низоми ягонаи тайёр кардани кадрҳо дар хидмати давлатӣ ҷорӣ карда мешавад.

Аз соли 2026 барномаи «Топ-100» оид ба муайян ва интихоб намудани менеҷерон ва роҳбарони боистеъдод, роҳбарони насли нав ба роҳ монда мешавад. Захираи устувори роҳбарони салоҳиятманд ва ояндадор ташаккул меёбад, дар вазорату идораҳо барои оилаҳои хидматчиёни давлатӣ «Рӯзи оила» баргузор мегардад.

Ҳамчунин, бори аввал ба хидматчиёни давлатӣ дараҷаҳои ихтисосӣ дода мешаванд. Ғайр аз ин, рейтинги миллии фаъолияти мақомоти давлатӣ ҷорӣ карда мешавад. Дар асоси натиҷаҳои рейтинг, барои идораҳои давлатӣ, ки дар зинаҳои поёнӣ қарор доранд, чораҳо оид ба тағйир додани усулҳои кор, оптимизатсия кардани равандҳои идоракунӣ (BPR – реинжиниринг) амалӣ мешаванд ва дар ҷаласаҳои Ҳукумат низоми баҳодиҳии фаъолияти роҳбарон ба роҳ монда мешавад.

Яке аз ҷиҳатҳои консептуалии фармон дар он аст, ки як қатор ташаббусҳои институтсионалӣ оид ба ислоҳоти низоми хидмати давлатии шаҳрвандӣ бо механизмҳои меъёриву ҳуқуқӣ мустаҳкам гардиданд. Ин бошад, барои танзими муносибатҳои ташкиливу ҳуқуқӣ дар соҳа бар асоси меъёрҳои дақиқ ва таъмини самаранокии ислоҳотҳои татбиқшаванда мусоидат мекунад.

Аз ҷумла, нишондиҳандаҳои мақсадноки Стратегияи рушди хидмати давлатии шаҳрвандӣ то соли 2030, нақшаи чорабиниҳо барои солҳои 2025–2026 оид ба татбиқи Стратегияи рушди хидмати давлатии шаҳрвандӣ то соли 2030, рӯйхати мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳое, ки дар онҳо хидмати давлатии шаҳрвандӣ татбиқ мешавад, Реестри давлатӣ оид ба мансабҳои хидмати давлатии шаҳрвандӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ, минтақавӣ ва ноҳиявӣ ва як қатор низомномаҳо тасдиқ гардиданд.

Хулоса, бояд таъкид кард, ки қабул гардидани ин ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқӣ оғози давраи нав дар ташкили хидмати давлатии шаҳрвандӣ бо меъёрҳои замонавӣ, равона кардани фаъолияти хидматчиёни давлатӣ ба натиҷанокӣ ва баланд бардоштани боварии аҳолӣ ба хидмати давлатӣ хоҳад буд.

**Севара ЗОКИРОВА,**
**доктори илмҳои ҳуқуқ (PhD).**
**(ЎзА).**

***Чанде пеш дар нашриёт-матбааи бонуфузи «Хутут ва зулол»-и шаҳри Аммон – пойтахти Урдун китоби дарсӣ-монографияи корманди пешбари илмии Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Ӯзбекистон Комилҷон Раҳимов бо номи «Решаҳои тасаввуфи Мовароуннаҳр (таърих): ташаккул ва сохторикунонии таълимот (асрҳои VIII – XI)» рӯйи чоп омад. Бояд гуфт, ки ин китоб дар ҳамкорӣ бо Донишгоҳи Аҳли Байти Урдун омода гардида, ҳамчун китоби дарсӣ низ истифода мешавад.***

# ДАР УРДУН КИТОБИ ДАРСӢ ОИД БА ТАЪРИХИ ТАСАВВУФИ МОВАРОУННАҲР НАШР ШУД

Мовароуннаҳри қадим яке аз минтақаҳое ба ҳисоб меравад, ки тасаввуф дар он решаҳои амиқ давондааст. Давраи то асри XII, яъне то ташаккули тариқатҳои тасаввуфӣ, дар таърихи тасаввуфи Осиёи Марказӣ нақши муҳим дошта, барои рушди умумии ин равия заминаи устувор гузоштааст. Ниёи сӯфии мо тавассути осори аслии худ тавонистанд таълимоти парешон ва парокандаро ба низоми ягона табдил диҳанд. Ба сохтори муайян овардани тасаввуф дар асри IX аз ҷониби Ҳаким Тирмизӣ шурӯъ гардида, дар охири асри X ва ибтидои асри XI аз тарафи Калободии Бухорӣ ва Муставлии Бухорӣ анҷом ёфтааст. Ин ҷараён аз асри XII оғоз намуда, барои ташаккули тариқати сӯфиён дар минтақаҳои гуногун, аз ҷумла, Мовароуннаҳри бостонӣ, асоси назариявӣ фароҳам овард.

Дар сарсухани китоб профессори Донишгоҳи Аҳли Байти Урдун Амин Юсуф Авда ва профессори Донишгоҳи Искандарияи Миср Саъд Абдулғаффор ба китоб чунин баҳо додаанд: «Дар ин монографияи шарқшинос, манбаъшинос, хатшинос, исломшинос ва тасаввуфшинос, доктори фанҳои таърих Комилҷон Раҳимов хусусиятҳои муҳим ва ғояҳои асосии давраи то ташаккули тариқат дар тасаввуфи Осиёи Марказӣ таҳқиқ гардидааст. Дар он нақш ва аҳамияти асари «Ат-таъарруф»-и Калободии Бухорӣ ва «Шарҳ ат-таъарруф»-и Муставлии Бухорӣ, ки ҳар ду намояндаи бузурги тариқат ҳастанд, таъсири онҳо ба манбаъҳои минбаъдаи тасаввуф баррасӣ шудааст...

Ин таҳқиқот на танҳо бо инъикоси даври барои мо начандон ошкори таърихи тасаввуф муҳим аст, балки дар ташаккули тариқатҳо дар ҳамин марҳила, аз ҷумла Хоҷагони Нақшбандия чун замина хидмат кардани онро муайян намудааст».

Умуман, таҳқиқоти Комилҷон Раҳимов дар кишварҳои хориҷӣ бисёр эътироф мегардад. Масалан, монографияи «Таърихи тасаввуфи Мовароуннаҳр: ташаккул ва сохторикунонии таълимот (асрҳои VIII-XI)»-и мавсуф то ҳол дар кишварҳои Русия, Тоҷикистон, Қазоқистон, Озарбойҷон, Туркия ва Урдун ба забонҳои русӣ, форсӣ-тоҷикӣ, қазоқӣ, озарӣ, туркӣ ва арабӣ тарҷума ва нашр шудааст. Монографияи «Тариқати Хоҷагони Нақшбандия ва Ҳафт Пир»-и ӯ дар Русия, Туркия ва Эрон ба русӣ, туркиву форсӣ рӯи чоп омадааст.

Дар мисоли таҳқиқоти охирини ӯ дар ин мавзӯъ, ба миён омадани равиши навро дар омӯзиши таърихи тасаввуфи Осиёи Марказӣ дарк кардан мумкин аст. Умед дорем, ки ин гуна равиш барои таҳқиқоти нав такон бахшида, омӯхтани саҳифаҳои нави таърихи тасаввуф, ҳаёт ва фаъолияти эҷодии намояндагони ин равия, таҳлили ҳамаҷонибаи асарҳои мавҷудаи ин самт ба объекти муҳими тадқиқоти муҳаққиқон табдил меёбад.

**Муҳаррама ПИРМАТОВА,**
**мухбири ЎзА.**







*Дар деҳаи Заркенти ноҳияи Паркенти вилояти Тошканд дар сайрҳои маҳсулоти полизӣ навбат ба ангур расид. Маълум аст, ки Паркент ба ангурҳои пурнавъу болаззати худ машҳур мебошад. Аз ин боис, дар сайри ин меваи биҳиштӣ на танҳо навъҳои ба ин маҳал хос, балки ангурпарварон бо маҳсулоти худ аз дигар минтақаҳо низ ширкат намуданд. Дар сайри ангур на фақат меваи маҳсули дасти деҳқон, балки ҳар чӣ аз ангур ва шарбати он омода мегардад, ба бинандагон пешкаш гардид. Хусусан, шаробу мактабу усулҳои шаробпазӣ ба таври васеъ пешкаш гашта буд.*

*Аз пойтахт намояндагиҳои дипломатии хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ, сайёҳон низ ба дидани ин базми ҳосил шитофтанд.*

*Дар айни ҳол дар вилояти Тошканд аз 19 ҳазор гектар соле 40 ҳазор тонна ангур ба 11 мамлакат фурӯхта мешавад.*

***Аксбардор: Рашид ГАЛЕЕВ.***

# ДАР СОҲИЛИ «ОБАНБОРИ ҶАНУБИ СУРХОН» ЭКОТУРИЗМИ ЗАМОНАВӢ БУНЁД МЕШАВАД

***Мо дар хабару мақолаҳои қаблӣ аз хусуси мақоми сайёҳӣ додан ба чанд деҳоти вилояти Сурхондарё, бунёди маскан, марказ, минтақаҳои сайёҳӣ ва дигар навгониҳои соҳа навишта будем. Инак, дар соҳилҳои «Обанбори ҷануби Сурхон»-и ноҳияи Қумқӯрғон боз ба бунёди маҷмуаи нави экотуризм асос гузошта шуд.***

Обанбори мазкур 58-сол муқаддам дар маркази ноҳияи Қумқӯрғон бунёд ёфта буд. Он аз сатҳи баҳр дар 408 метр баландӣ қарор дошта, масоҳаташ 65 километри мураббаъ ва ғунҷоишаш 800 миллион метри мукаабро ташкил медиҳад. То имрӯз обанбор танҳо барои обёрӣ кардани заминҳои обии навоҳии Қумқӯрғону Ҷарқӯрғон, Ангору Қизириқ ва Шербоду Музработ истифода мешуд. Азбаски қисме аз соҳилҳои обанбори мазкур дар қади роҳи калони Тирмиз – Деҳнав ҷойгир аст, бунёди мавзеъҳои саёҳати экологӣ дар ин ҷо айни муддаост.

Дар ҳудуди мазкур барои ин кор 15,7 гектар майдон ва 140 миллиард сӯм маблағ ҷудо шудааст. Мақсади асосӣ ҳифзи муҳити табиат, бунёди майдонҳои сабз, сохтани иншооти обтозакунӣ барои таъминоти аҳолӣ бо оби нӯшокӣ ва муҳайё сохтани шарту шароити мувофиқи талаботи сайёҳӣ мебошад.

Ҳокими вилоят Улуғбек Қосимов дар маросими тақдимоти лоиҳаи мазкур ширкат варзида, майдонҳои барои маҷмӯа ҷудошударо аз назар гузаронид ва бо дуои хайри пирон ба бунёди ин маҷмӯаи экотуризм хишти аввал гузошт.

**Олим ПАНҶИЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Сурхондарё.**

Ахлоқ

# «... НАШОЯД, КИ НОМАТ НИҲАНД ОДАМӢ!»

***Маълум аст, ки муҳит – макони зист ва олами табиии атрофи инсон ба шумор меравад. Мутаассифона, дар асри 21, ки асри техникаи навин маҳсуб меёбад, истеҳсолоти ҷамъиятӣ муҳити атрофро тағйир дода, ба он бевосита ё бавосита таъсир мерасонад. Ҳифзи табиат вазифаи аввалиндараҷа маҳсуб меёбад.***
***Баъди ба даст омадани Истиқлолият дар кишварамон маҷмӯи дастурҳо ва барномаҳо таҳти унвони «Муҳофизати табиат», «Макони сабз», маҷмӯи чорабиниҳо оид ба ҳифзи табиат, истифодабарии оқилона аз сарватҳои табиии Замин, аз ҷумла гуногунии намудҳои олами набототу ҳайвонот, сарватҳои зеризаминӣ, тозагии об ва ҳаво ба тасвиб расида, амалигардонии он зери назорати қатъист.***

Вале, мутаассифона, хатари тағйирёбии бебозгашти муҳити табиии минтақаҳои алоҳидаи кураи Замин ба туфайли рушди фаъолияти иқтисодии инсон рӯ ба нестшавӣ мегардад. Назар ба маълумотҳо ба ҳисоби миёна ҳар рӯз 1 намуди (ё зернамуд) ҳайвонот ва як намуди растанӣ зери хатари нобудшавӣ қарор дорад.

Тибқи маълумоти сохторҳои дахлдор соле тақрибан 1 миллиард тонна сӯзишвории стандартӣ сӯхта, садҳо миллион тонна оксиди азот, сулфат, оксиди карбон, дуд, хокистар ва чанг ба атмосфера партофта мешаванд. Обу хок бо партовҳои саноатӣ ва маишӣ, маҳсулоти нафтӣ, нуриҳои минералӣ ва пеститсидҳо, металлҳои вазнин (симоб, сурб ва ғ.) олуда мешаванд, яъне хавфи вайрон кардани экрани озони Замин вуҷуд дорад.

Бо дигар мисол метавон гуфт, ки хавфи тағйирёбии беназорати муҳити зист ва дар натиҷаи ин таҳдиди мавҷудияти организмҳои зинда дар рӯи Замин, аз ҷумла ба одамон барои ҳифз ва ҳифзи табиат чораҳои амалии қатъӣ дидан, тартиби ҳуқуқии истифодаи сарватҳои табииро талаб мекунад.

Барои ҳалли ин муаммо ташкили технологияи бепартов, иншоотҳои тозакунӣ, ба тартиб андохтани истифодаи баъзе моддаҳо, инчунин ба вуҷуд овардани минтақаҳои муҳофизати заминҳо дохил мешаванд. Бояд қайд кард, ки бо мақсади парвариши ҳайвонот ва растаниҳои нодир ва зери хатари нобудшавӣ рафтани баъзе растаниву дигар аъзои Замин Китоби Сурхи умумиҷаҳонӣ таҳия гардидааст.

Бояд гуфт, ки дар кишвари мо тадбирҳои ҳифзи муҳити зист дар замин, хоҷагии ҷангал, об ва дигар қонунгузории миллӣ пешбинӣ шудаанд, ки ҷавобгариро барои вайрон кардани меъёрҳои экологӣ муқаррар мекунанд. Дар миқёси байналмилалӣ дар баробари таъсиси созмонҳои гуногуни байналмилалӣ оид ба масъалаҳои ҳифзи табиат Барномаи СММ оид ба муҳити зист низ амал мекунад.

Дар ин навбат шаҳрвандон бояд бетараф набошанд ва бояд қайд намоем, ки муҳофизати табиат, ки имрӯз мушкилоти иҷтимоӣ гардидааст, вазифаи ҳар яки мост. Одитар карда гӯем, ҳифзи табиат ва муҳити атроф аз оила сар мешавад Ҳар як аъзои оила бояд ба он риоя кунад. Бигирем, биноҳои серошёнаро, ки аз вилоятҳо ва гӯшаву канори шаҳрҳо омада, сари кореро гирифта, аксарият иҷора мешинанд. Баъзе иҷоранишинҳо ба муҳити зист, атрофу акнофи худ хунукназаранд. Партовҳои худро дар роҳрав, атрофи бино, паси дар ва ҷӯйчаҳои ҳавлӣ мепартоянд.

Барои пешгирӣ кардани ин рафтори бешууронаву бетартибии онҳо, ба амал татбиқ намудани барномаи «Макони сабз» ва дигар масъалаҳо дар маҳаллаи «Янги Чоштепа»-и ноҳияи Янгиҳаёти пойтахт бо иштироки ҳокими ноҳия Ҳаёт Иноғомов, сардорони хонаҳои серошёна, фаъолони маҳалла ва маҳаллаҳои дигар чорабинӣ баргузор гардид.

– Дар ошёнаи якум зиндагӣ мекунам. Аз қабатҳои болоӣ партовҳояшонро мепартоянд, ки он чанд рӯз дар таги тирезаи ман бӯй гирифта хоб мекунад. Ҳар доим партовҳои онҳоро худам гирифта, ба партовгоҳ мебарам. Ҳатто дар ба дар гашта он ноҳалафҳоро дошта натавонистам,– мегӯяд Фаридаапаи 70-сола.

– Фаридаапа дуруст мегӯяд. Фаррошон саҳарӣ рӯфта тоза мекунанд, то бегоҳ мебинӣ, ки аҳвол боз ҳамин тавр. Агар ҳар як оила, падару модар ба фарзандони худ маданияти тозагӣ, бо ин восита ҳурмат ба ҳамсояҳоро фаҳмонад, чунин ҳолатҳои нохуш, ба фикрам, пешгирӣ карда мешавад, – гуфт мушовири занону духтарон ва кор бо оилаи маҳалла Маҳмуда Орифова.

Дар чорабинӣ таъкид гардид, ки ҳар як роҳрав аз ҷониби ҳар як сокини ҳамон бино ва сардори бино зери назорати қатъӣ гирифта шавад, дар даромадгоҳи роҳравҳо бояд дастгоҳҳои назоратӣ васл карда шаванд

Ба аҳолӣ, ба ҷавонон маданияти гигиена, ҳурмати якдигар, хусусан ҳамсояҳои девордармиёнро бояд омӯзонд. Рӯзе ба кор шитоб мекардам. Чашмам ба ҷавононе, ки даруни мошин нишаста аз тирезаи он пӯчоқи пистаро мепартофтанд ва зери ойнаи мошин пури пӯчоқ буд, афтид. Дар он сӯйи кӯча фаррошзани солхӯрда ба рӯфтан машғул буд. Дилам ба фаррошзан сӯхт ва ба ҷавонон нигоҳ карда гуфтам:

– Ба ҷойи фаррош модари худро гузор.

– Хола маош мегирад, – бепарвоёна ҷавоб дод ҷавон.

Аз рафтори ҷавонҳо нафасгир шудам ва садо баланд кардам: «Бетарбия, бемаданият!»

Оре, ҳар рӯз фаррошон ба пешвози субҳи нав роҳ тоза мекунанд ва ҳар яки мо бо табъи болида ба кору дигар машғулоти зиндагиамон оғоз мебахшем. Ҳар як инсони солимфикр бояд ба қадри меҳнати якдигар бирасад.

Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ барҳақ фармудааст:

*Ту к-аз меҳнати дигарон*
*беғамӣ,*
*Нашояд, ки номат*
*ниҳанд одамӣ!*

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

***Инак, 34-умин солгарди Истиқлоли давлатии Ўзбекистон ва соли нави хониш фаро мерасад. Кўдакони дар кўдакистонҳо таълиму тарбия гирифтаву нагирифта, яъне ба кўдакистонҳо нарафта, ба умеди соҳиби донишу маърифат шудан ба остонаи мактаб қадам мегузоранд. Баъзеҳо бори аввал паси парта нишаста, бо кунҷкобии ба худ хос назар сўйи омўзгор меандозанд.***

# МАКТАБАМ НУРИ ДИДАГОНАМ ТУ

Мактаб даргоҳест муқаддас, чароғест дар зиндагӣ роҳи инсонро мунаввар месозад. Имрўз дар кишвари мо касе, ки аз даргоҳи мактаб сабақ нагирифта бошад, соҳибдиле, ки сабақи устодро надида бошад, нест

*Бе мураббӣ зери гардун мўътабар*
*натвон шудан,*
*Моҳи навро рафта - рафта чарх*
*оламгир кард.*

Мактаб манбаи илму маърифат, донишу ирфон аст. Мактаб ҳаст, ки кўдакону наврасон худшиносу худогоҳ, ватандўсту ватанпарвар ба воя мерасанд. Бидуни ин даргоҳи муқаддас касе наметавонад чун шахси комил ба воя расад.

*Гар набинад мактабу устоду*
*таълиму адаб,*
*Кас чу ҳайвон мешавад,*
*гарчи бувад соҳибнасаб.*

Дар ин раванд мактабҳои ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ низ чун дигар таълимгоҳҳои ҷумҳурӣ саҳми арзанда мегиранд. Аз 52 мактаби ноҳия дар 45 мактаб таълим ба забони ўзбекӣ, дар 5 мактаб таълим ба забони тоҷикӣ ва дар ду мактаб таълим ба забони қазоқӣ аст. Мактабҳои таълимаш ба забони тоҷикӣ дар миқёси ноҳия ва вилоят мавқеи хос доранд.

Замоне мактаби рақами 38 мақоми калидиро дошт дар кўҳпояи Нурато. Шоирон Ҷонибек Қувноқ, Паймон, олими ҷуғрофия, профессор Маҳмуд Нурназаров, нависанда ва журналистон Абдукарим Шарифзода ва Бекназар Тўйназар, муаллим ва эҷодкори шинохта Абдуназари Набӣ ва чандин нафар номбардорони миллат дар ҳамин мактаб таҳсил гирифтаанд. Номзадҳои илми филологӣ Нарзуллоҳ Расулзода, Ҷалили Орзумурод (рўҳашон шод бошад), нависанда Юнуси Имомназар, доктори илмҳои филологӣ Зоҳид Қўрғонзода ва чандин дигар шогирдони мактаби рақами 43-юм мебошанд.

Мактабҳои рақами 21, 30 ва 49 баъдтар таъсис ёфтаанд ва ба зудӣ байни мактабҳои ноҳия мавқеи шоиста пайдо намуданд. Дар ин росто мактаби рақами 30 натанҳо байни мактабҳои тоҷикӣ, балки байни 52 мактаби ноҳия се соли охир пайваста тибқи талаботи рейтинг мавқеи якум ё дуюмро соҳиб буд. Пайи ҳам се сол — солҳои 2022-2024 хонандагони мактаб 100 фоиз донишҷўйии донишгоҳҳо гардидаанд. Маҳз дар солҳои истиқлол ин мактабро ҷонишини директори генералии Комбинати кўҳии Навоӣ Баҳриддини Низом, духтур Шуҳрати Раҳмон, профессор, доктори илмҳои техникӣ Ҷовиди Эгамзод хатм намудаанд.

Тобистони соли равон дар мактабҳо мувофиқи дастури «90 рўзи зарбдор» фаъолияти пурсамари маҳфилҳои гуногун ба роҳ монда шуд. Маҳфилҳои гуногун чун «Китобхон», «Кишваршиносӣ» дар ташаккули ҷаҳонбинӣ, дониш ва солимии хонандагон саҳм мегиранд.

Имрўз мактабҳои номбурда пурра ба қабули хонандагон омодаанд. Онҳо хуб таъмир ёфтаанду бо талаботи замон таҷҳизонида шудаанд. Ба фасли сармо омода ҳастанд. Ҳамаи мактабҳо бо ангишт, оби ошомиданӣ тавассути чоҳҳои артезианӣ ва ё тавассути лўлаҳо таъмин мебошанд.

Соли хониши 2024 – 2025 дар мактабҳои номбурда пастравӣ ба мушоҳида расид. Мактаби рақами 30 мавқеи аввалро дар ноҳия аз даст дод. Мувофиқи холҳои дар ибтидо бадастовардаи хатмкунандагон дар ноҳия мактаби рақами 30 ҷойи 29, мактаби рақами 21 ҷойи 37, мактаби рақами 43 ҷойи 46, мактаби рақами 49 ҷойи 39 ва мактаби рақами 38 ҷойи 49-умро ишғол намудаанд.

Ба донишгоҳҳо дохилшавии хатмкунандагони мактабҳо соли равон хеле коҳидааст. Аз мактабҳои рақами 21 ва 30-ум дар умум 50 фоиз, мактаби рақами 49-ум 45 фоиз, мактаби рақами 38-ум 25 фоиз ва мактаби рақами 43-юм 22 фоиз хатмкунандагон донишҷў гардидаанд. Маъмурияти мактабҳо дар ин самт бояд андеша намоянд. Бояд аз мактабҳои вилоят ибрат гирифт. 60 нафар хатмкунандагони мактаби рақами 1-уми тахассусонидашудаи шаҳри Навоӣ 100 фоиз донишҷўйии донишгоҳҳои ҷумҳурӣ гардиданд. 42 нафари онҳо бо гранти давлатӣ ва 18 нафар шартномавӣ донишҷў шудаанд.

— Чаро дохилшавии хатмкунандагон аз 100 ба 50 фоиз фаромад? — суол додам ба ҷонишини директор оид ба корҳои таълими мактаби рақами 30-юм Абдураҳмони Набӣ.

— Толибилмони аълохон пас аз хатми синфи 9 ҳуҷҷатҳои худро ба литсей ва ё мактабҳои тахассусонида месупоранд. Сониян, хатмкунандагони мо дар интихоби касб ба иштибоҳ роҳ доданд. Бо дахолати падару модарон на ба ихтисоси тавсияшуда, балки бо хоҳиши падару модар ҳуҷҷат супориданд.

Ин амал ҳам омўзгоронро ва ҳам ҳамон падару модаронро якравро сабақ гардид. Дар соли нави хониш ба он хотима дода мешавад, — гуфт Абдураҳмони Набӣ.

**Ўзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Навоӣ.**

# ДОНИШУ МАҲОРАТ ДАР МЕҲВАРИ АСОСӢ ҚАРОР ДОРАД

***Барои соли таҳсили 2025-2026 қабули донишҷўён ба муассисаҳои таҳсилотии олии мамлакат ба охир расид. Онҳое ба бахти донишҷўӣ сазовор гардиданд, ки ба имтиҳонҳои қабул бо мароқу масъулият тайёрӣ дидаанд.***

148 ҳазору 405 довталаб ба таҳсилоти рўзона қабул карда шуданд. Инчунин дар шакли таълими шабона 28 ҳазору 732 нафар, дар шакли таълими фосилавӣ 18 ҳазору 195 нафар ҷавонон таҳсил хоҳанд кард. Аз ин шумор 35 ҳазору 500 нафар бо гранти давлатӣ ба таҳсил фаро гирифта мешаванд. Дар шуъбаҳои тоҷикии муассисаҳои таҳсилоти олии Тирмиз, Самарқанд, Бухоро, Навоӣ, Чирчиқ ва Фарғона 305 нафар ба шарафи донишҷў соҳиб гардиданд, ки як қисми онҳо аз рўи гранти давлатӣ ва боқимондагон бар асоси шартнома таҳсил мекунанд.

Дар як қатор мактабҳои таълими умумӣ ва махсуси ноҳияи Сўхи вилояти Фарғона шодиву нишот тантана мекунад ва ин бесабаб нест. Тавре ки мудири шуъбаи таълими халқи ноҳия Фозилҷон Мирзоев гуфт, имсол аз 1 ҳазору 259 нафар хатмкунандагони 32 мактаб 868 нафар ба донишгоҳҳо ҳуҷҷат супориданд. Хушбахтона, 250 нафари онҳо бо ба даст овардани холҳои зарурӣ донишҷўи ин ё он донишгоҳи шаҳрҳои Тошканду Фарғона, Андиҷону Самарқанд ва Қўқанд шудаанд. 57 нафари онҳо мувофиқи гранти давлатӣ ба ин шараф ноил гардидаанд.

– Дар ин самт саҳми мактабҳои таҳсилоти умумии рақами 2, 3, 21, 22, 25, 26, 28, 29 ва мактаби махсуси рақами 1-ум хеле калон аст. Ман аз байни ин мактабҳо бо ифтихор номи омўзгорони мактабҳои рақами 2-юм, 3-юм, 21-ум ва 28-ум Санҷар Ҳисомов, Хусрав Мамашарифов, Турдиалӣ Ҳайдаров, Фозилҷон Абдулҳакимов ва Равшан Амаловро ба таври хос ба забон меоварам. Зеро онҳо ҳамеша талош мекунанд, ки шогирдонашон ҳам дар дарсҳо фаъол бошанд ва ҳам дар озмунҳои фаннӣ ғолибиятро ба даст оваранд, – иброз дошт Фозилҷон Мирзоев.

Ба гуфтаи мудир мактаби рақами 2-юм (директораш Ҷамшед Турсуналиев)-ро 63 нафар хатм кардаанд ва аз онҳо 20 нафар шомили донишгоҳҳо шудаанд, ки 3 нафар бар асоси гранти давлатӣ мебошад. Аз мактаби рақами 21-ум (директораш Турдиалӣ Ҳайдаров), ки онро низ 63 нафар хатм кардаанд, аз 20 нафар 7 нафар бар асоси гранти давлатӣ ба донишгоҳҳо дохил шудаанд.

– Бар асоси натиҷагириҳои охир аз рўи фоиз мактаби таҳсилоти умумии рақами 3-юм бо 39 дарсад дар ҷои аввал қарор дорад. Аз 14 хатмкунандаи ин мактаб 5 нафар бар асоси шартнома дохил шудаанд. Мактаби таҳсилоти умумии рақами 1-ум низ дар ин самт ҷойгоҳи хосро ишғол мекунад. Аз 96 нафар хатмкунандагони он 24 нафар шомил шудаанд, ки 6 нафари онҳо гранти давлатиро ба даст овардаанд, – изҳор намуд Мирзоев.

Имсол низ аз панҷ нафар шогирдони мактаби ихтисосгардонидашудаи рақами 1-ум (директораш Фарҳод Ҷўраев) ду нафар мувофиқи гранти давлатӣ ба донишгоҳҳо дохил шуданд. Мактаби таҳсилоти умумии рақами 26-ум (директораш Фарҳод Боборустамов), мактаби рақами 28-ум (директораш Дониёр Ҳакимов) ва мактаби рақами 29-ум (директораш Амирҷон Темиров) низ аз ҳар ҷиҳат намуна мебошанд.

Ногуфта намонад, ки гурўҳе аз хатмкардагон ба донишгоҳҳои мухталифи Тоҷикистон ҳуҷҷат супурдаанд.

– Мо ҳанўз ин теъдоди дохилшудагонро пурра аниқ накардаем. Аммо як нукта мусаллам аст, ки аксарияти онҳо бо натиҷаҳои дилхоҳ шомили донишгоҳҳои ин кишвари ҳамҷавор шуданд, – тазаккур дод Мирзоев.

Дарвоқеъ, дар солҳои охир баробари дохилшавӣ ба донишгоҳҳои гуногун, инчунин як идда донишомўзони мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва макотиби барои баъзе фанҳо махсусгардонидашудаи ноҳия ба гирифтани сертификатҳо низ муваффақ мешаванд. Директори мактаби рақами 10-ум Умедҷон Амалов иброз намуд, ки 8 хатмкунандаи мактаб ба донишгоҳҳои ватанӣ ва 5 нафари дигар ба донишгоҳҳои Тоҷикистон дохил шуданд.

– Муаллимони забон ва адабиёти тоҷик Фирўз Шуҳратзода, Оятулло Озодзода ва Дилноза Ҳоҷиева, муаллимони синфҳои ибтидоӣ Ғайратҷон Дўстматов ва Ғайратҷон Аъламов бо гирифтани тоифаҳои олӣ ва якум обрўи мактабамонро дар ноҳия ва вилоят хеле боло бардоштанд, – мегўяд Умедҷон Амалов.

Собиқадори соҳаи таълим Камолиддин Азизов ба донишкадаҳо дохил шуда натавонистани гурўҳи довталабони ноҳияро ба ду омил марбут медонад. Ба гуфтаи ў пеш аз ҳама дониш, истеъдод ва кўшиши худи талаба ўро ба даргоҳи муассисаҳои таҳсилоти олӣ раҳнамун месозад.

– Касе, ки саъй мекунад, меомўзад ва пайваста заҳмат мекашад, бешубҳа, барои комёбӣ имкони зиёдтарро ба даст меорад. Баъзан тақдир ва тасодуф низ нақши худро мебозанд. Як саволи осон ё душвор, ҳолати рўҳӣ дар рўзи имтиҳон, бахт, ҳатто хатои ночизи техникӣ метавонанд натиҷаи имтиҳонро тағйир диҳанд. Чунин ҳолатҳо низ боис мегарданд, ки гоҳе ғайр аз донишу истеъдод ба ҷавонон тасодуф низ даст доданаш аз эҳтимол холӣ нест, – мегўяд К. Азизов.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*



*Дар байни мардуми мо касоне, ки ба кори савоб даст мезананд, кам нестанд. Яке аз онҳо мураббии варзиш оид ба бокс Ҷавлон Зоиров мебошад. Ба қарибӣ бо ташаббус ва кумаки ин мураббии саховатпеша дар маҳаллаи Қурғончаи шаҳри Қаршӣ чорабинии мутантан барпо гардид. Дар он тўйи суннатии 12 нафар фарзандони оилаҳои камбизоат, эҳтиёҷманд ва бачаҳои аз падару модарон бепарастормондаи маҳаллаҳои Қурғонча, Зоғза, Наврўз, Шайхалӣ гузаронида шуд. Дар тантанаи мазкур падару модарони бачаҳои суннатишуда, фаъолон, нурониҳо ва аҳолии маҳаллаҳо иштирок карданд.*

*Дар чорабинӣ масъулони ҳокимияти шаҳри Қаршӣ ва дигарон ба сухан баромада, оиди меҳру оқибат, дастгирии ҳамдигар ва корҳои ба мустаҳкамшавии ҳамҷиҳатии мардум нигаронидашуда изҳори ақида намуданд.*

*Аз ҷониби инсонҳои саховатпеша ба бачаҳои суннатишуда велосипеду тухфаҳо супорида шуданд.*

***Ҳокимияти вилояти Қашқадарё.***

# ТАЙЁРӢ БА ҶАШНВОРАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲУНАРМАНДӢ

***Иттиҳоди ҷумҳуриявии «Ҳунарманд» бахшида ба омодагии Фестивали III байналмилалии ҳунармандӣ, ки 19-21 сентябри соли ҷорӣ дар Қўқанд ва Форуми II байналмилалии кулолгарӣ, ки дар ноҳияи Риштони вилояти Фарғона баргузор мегардад, дар Маркази матбуоти миллӣ нишасти матбуотӣ доир намуд.***

Дар нишаст раиси Иттиҳоди «Ҳунарманд» Расулҷон Мирзоаҳмадов, академики Академияи фанҳои Ўзбекистон Акбар Ҳакимов, роҳбарони бахшҳои иттиҳодия, ҳунармандон, санъатшиносон иштирок намуданд.

– Дар доираи корҳои омодагӣ ба фестивал як қатор чорабиниҳо, ба монанди таҳияи лоиҳаи маблағгузорӣ ба фестивал ва форум, таҳияи барномаи серўза, нақшаи ҷойгиршавии павилонҳо дар майдони «Ўрда»-и шаҳри Қўқанд ва Маркази байналмилалии кулолгарии ноҳияи Риштон, муайян намудани ҳайати гурўҳҳои хурди корӣ, таҳияи лоиҳаҳои диплом ва сертификатҳое, ки ба ғолибон ва иштирокчиёни ҷашнвора супорида мешаванд ва нашри барномаҳои чорабиниҳо дар сомонаи расмии иттиҳодия амалӣ мешаванд, – гуфт Расулҷон Мирзоаҳмадов.

Имсол иштироки 278 нафар меҳмони хориҷӣ аз 70 давлат пешбинӣ шудааст. Аз онҳо 232 нафар дар фестивали Қўқанд иштирок мекунанд, ки 155 ҳунарманд, 14 маърузачӣ, 35 меҳмони расмӣ ва 28 намояндаи ВАО-ро дар бар мегиранд. Дар форуми ноҳияи Риштон бошад, 46 иштирокчӣ ширкат меварзад.

Дар фестивал ва форум ҳамчунин 412 ҳунарманди маҳаллӣ аз тамоми минтақаҳои кишвар ширкат мекунанд.

– Яке аз навгониҳои муҳими ҷашнвораи имсола ин аст, ки бо ташаббуси Иттиҳоди «Ҳунарманд» бори аввал агентҳои байналмилалии савдо, коршиносони ҷаҳонӣ дар соҳаи брендсозӣ, мутахассисони маъруфи мўд аз Париж, мутахассисони тиҷорати электронӣ (e-commerce), ансамблҳои байналмилалӣ ва директори иҷроияи Ярмаркаи байналмилалии санъати амалии халқӣ (IFAM) аз Санта-Фе даъват шудаанд, – таъкид намуд академик Акбар Ҳакимов. – Ин ташаббусҳо барои боло бурдани нуфузи байналмилалии ҷашнвора, мустаҳкам кардани мавқеи маҳсулоти ҳунармандӣ дар бозори ҷаҳонӣ, таблиғи онҳо ҳамчун бренд ва вориди онҳо ба майдони байналмилалӣ аҳамияти калон доранд.

Дар доираи фестивал, дар Театри давлатии драмавии Қўқанд таҳти мавзўи «Ояндаи рушди ҳунармандӣ ва санъати амалии халқӣ» ва дар Маркази байналмилалии кулолгарони Риштон таҳти мавзўи «Ҳифз ва рушди кулолгарии анъанавӣ: мушкилот ва роҳҳои ҳалли он» конфронсҳои байналмилалии илмӣ-амалӣ баргузор мегарданд. Дар конфронсҳо иштироки 28 маърўзачӣ дар назар аст. Конфронсҳо барои таҳқиқоти илмӣ, мубодилаи таҷриба ва ғояҳо дар соҳаи ҳунармандӣ ва тақвияти ҳамкорӣ аҳамияти муҳим доранд.

Ҳунармандони маҳаллӣ дар самтҳои кулолгарӣ, заргарӣ, мисгарӣ, дўзандагии миллӣ ва нассоҷӣ маҳсулоти худро намоиш дода, ба тарғиби маҳсулоти миллӣ дар сатҳи байналмилалӣ саҳм мегузоранд.

Дар доираи фестивал ва форум намоишгоҳҳои маҳсулоти ҳунармандӣ ва кулолгарӣ, намоиши мўд, озмуни ҳунармандон, ярмаркаҳои савдо, баромади ансамблҳои миллӣ ва гурўҳҳои эҷодӣ, муаррифии брендҳои маҳаллӣ ва байналмилалӣ баргузор мешаванд. Ҳамчунин, машғулиятҳои амалӣ ва мастер-классҳо бо иштироки устоҳои таҷрибадор, барномаҳои эҷодӣ барои кулолони ҷавон, вохўриҳои эҷодӣ ва намоишҳои анъанавии миллӣ доир мегарданд.

**Гулчаҳон КАБИРОВА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

***Дўстиро ҷустуҷў дорем мо***

***Боиси хушнудист, ки дар кишвари мо беш аз сад қавму миллат ҳамчун фарзандони як оила аҳлу тифоқ зиндагӣ мекунанд. Дар байни онҳо тотору бошқирдҳо низ ҳастанд, ки ҳар сол дар арафаи ҷашни истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон иди миллии Сабантўйи онҳо ботантана мегузарад.***

# БАНИ ОДАМ АЪЗОИ ЯКДИГАРАНД!

Аз рўи анъана дар Қасри фарҳанги «Нурафшон»-и Самарқанд иди миллии ин мардум ба вуқўъ пайваст.

– Таъкид намудан ҷоиз аст, ки дар кишвари мо чун дигар қавму миллат мардуми тотору бошқирдҳо низ баробарҳуқуқанд, – иброз дошт раиси Маркази фарҳангии тотору бошқирдҳо дар вилояти Самарқанд Аҳмад Субҳонқулов. – Иди миллии мо – Сабантўй дўстии моро боз ҳам мустаҳкам хоҳад кард.

Дар чорабинии мазкур ҳунарпешагон ва санъаткорони ҷавон бо рақсу сурудҳои дилнишин табъи ҳозиронро болида сохтанд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

# ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ИНСТИТУТҲОИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ДАР СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

***Маълум аст, ки фармони Президенти мамлакат «Доир ба рушди ҷамъияти шаҳрвандӣ ва консепсияи он» (аз 4 марти соли 2021) қабул шуд ва 5 самти устувори консепсия аз мунтазам такмил додани заминаи ҳуқуқии рушди шаҳрвандӣ, таъмини минбаъдаи механизми расонидани кўмак ба институтҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ ва дастгирии онҳо аз ҷониби давлат, фароҳам овардани шароити мусоид барои иштироки фаъолонаи институтҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ дар идоракунии давлат ва ҷамъият, иштироки институтҳои ҷамъияти шаҳрвандиро дар иҷрои лоиҳаҳои иҷтимоии давлатӣ боз ҳам вусъат бахшидан, таъмини ошкорбаёнии институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ иборат буд.***

Дар арафаи таҷлили 34-умин солгарди Истиқлолият дар бинои бахши минтақавии Маркази таҳлили равандҳои демократӣ дар шаҳри Тошканд таҳти мавзўи «Ташаккул ва рушди институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар солҳои истиқлолият» мулоқоти ошкоро баргузор гардид. Ҳадаф аз баргузории чорабинӣ баррасии мухтасари таҳаввулоти ҷомеаи шаҳрвандӣ дар заминаи ҳуқуқӣ ва механизмҳои институтсионалӣ, инчунин муҳокимаи нақшаи амалии харитаи роҳ барои солҳои 2025-2026 иборат буд.

– Дар ин давра рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самтҳои зерин шакли системавӣ гирифт: аз ҷумла, танзими ҳуқуқии фаъолияти созмонҳои ғайридавлатӣ-ғайритиҷоратӣ (CFF) ва нақши онҳо дар шарикии иҷтимоӣ васеъ гардид. Ташкили муассисаҳои назорати ҷамъиятӣ ва ба роҳ мондани таҷрибаи муҳокимаҳои ҷамъиятӣ, тавассути рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ дастрасии шаҳрвандон ба иттилоот афзуд. Нақши ВАО ва ҷомеаи коршиносон дар институтсионализатсияи муколамаи давлат ва ҷомеа пурзўр гардид. Дар баробари ин, чунин вазифаҳо, аз қабили диверсификатсияи манбаъҳои маблағгузорӣ, баланд бардоштани иқтидори созмонҳои ғайридавлатӣ-ғайритиҷоратӣ, стандартикунонии сифати маълумоти ошкоро ва меъёрҳои ба инобат гирифтани афкори ҷомеа аҳамияти худро доранд, – гуфт дар баромади худ роҳбари Ассотсиатсияи миллии CFF шуъбаи минтақавии шаҳри Тошканд Дилмурод Иззатов.

Дар барномаи чорабинӣ марҳилаҳои асосии меъёрию ҳуқуқии солҳои истиқлолият ва натиҷаҳои амалии онҳо, шаклҳои дар амал истифодашавандаи таъмини иштироки аҳолӣ (машваратҳои ҷамъиятӣ, шўроҳои ҷамъиятӣ, фармоишҳои иҷтимоӣ ва грантҳо), фазои шаҳрвандии рақамӣ (онлайн-мубоҳисаҳо, платформаҳои маълумоти кушод) ва равишҳои муосири идоракунии онҳо ба назар гирифта шудааст. Дар охир оид ба қадамҳои амалишаванда таклифҳо пешниҳод карда шуданд.

Чорабинии мазкур барои баҳодиҳии холисона ба пешрафти рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва муайян намудани вазифаҳои марҳилаи минбаъда аз рўи нишондиҳандаҳои мушаххас хизмат мекунад. Дар рафти чорабинӣ намояндагони институти ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷонибдории худро аз муҳокимаи ошкоро ва ҳалли далелҳо изҳор намуданд.

Дар чорабинӣ намояндагон аз Маркази дастгирии знону духтарони соҳибкори шаҳри Тошканд, Иттиҳоди ҷанговарони фахрӣ ва маълўлон «Ветеран», CFF «Табиати ҷоннок» иштирок намуданд.

**С. БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

*Дидор ғанимат*

# ДАРЕҒ АСТ РӮЙ АЗ КАСЕ ТОФТАН...

Ба қарибӣ дугонаам Фирӯза Рашидова ҳамкурсонро ба тӯйи набераарӯсаш таклиф кард. Бо баҳонаи тӯй ҳамкурсон ҷамъ омадем. Мо солҳои 1978-1982 муҳассилини Донишкадаи омӯзгории Самарқанд ба номи Садриддин Айнӣ будем. Духтару писарон айёми ҷавонӣ, беғуборӣ ва тиллоиро ҳамроҳ паси сар карда будем, акнун бобою бибӣ ҳастем. Аз дидори якдигар шод шудем, аз мисли оби равон гузаштани умри хеш, мӯйҳои сафеду ожангҳои рӯй, пастию баландии ҳаёт, ғаму ташвиши зиндагиамон ҳасрат кардем, номи неки дӯстони фавтидаамонро ба ёд овардем, ба рӯзҳои осудаю ором ва диёри ободу зебоямон чашм нарасад гуфтем.

Шоир барҳақ фармудааст:

*Оҳ, мехоҳад дилам зангӯлаи мактаб шавад,*
*Дӯстонро ҷамъ созад, оварад пеши назар.*
*Лаҳзае ёди ҷавонӣ кардаву ҳасрат кунем,*
*Бишмарем ожангҳои рӯйҳои якдигар...*

Солҳои таҳсил гурӯҳи мо дар чорабиниҳову гирдиҳамоиҳои факултетҳои донишкада фаъол буд. Аксарият эҷодкор буданд. Дар вохӯрии навбатӣ низ доир ба дӯстӣ, ободӣ, сулҳу салоҳ шеърҳо хондем. Аз ноҳияи Шофиркони Бухоро Донӣ Гадоев аз ашъори Саъдии Шерозӣ қироат намуд:

*Душмани доно баландат мекунад,*
*Бар заминат мезанад нодони дӯст.*

***

*Дареғ аст рӯй аз касе тофтан,*
*Ки дигар нашояд чу ӯ ёфтан...*

Дар гӯшаю канори дунё ҳар соату ҳар дақиқа рӯй додани воқеа ва ҳодисаҳои нохуш ба ҳама аён. Бамиёноваранда ва азияткашандаи воқеаҳо, афсуски худи инсон аст. Ибораҳои озодӣ, сулҳ, осудагиро дар баъзе кишварҳо орзу мекунанду халос. Халқи мо озодихоҳу сулҳпарвар аст, аз ин боис, пирони батадбири мо дуо мекунанд, ки «тинҷию осудагӣ ва хотирҷамъӣ шавад», «ҷанҷоли якрӯза баракаи чилрӯзаро мебарад».

– Осудагиро қадр менамоям. Кас ноороми дигаронро надида, ба қадри сулҳу осоиш намерасад. Ба суфраи фаровонамон, ба Истиқлолият шукрона мегӯям. Зеро дар ватани азизам – Ӯзбекистон қабри бобою момо, падару модар ва шавҳарам ҷой дораду рӯҳи онҳо ором аст. Дар оилаам бахт ҳукмрон, камоли фарзандону набераҳоямро дида, худро инсони хушбахт меҳисобам. Сарзамини биҳиштосоямон рӯз то рӯз ободу зебо мегардад, ки ин ҳама неъмати Истиқлол аст. Илоҳо ба хотири ҷамъу осудагии мо чашм нарасад. Тинҷиро қадр менамоям, чунки хандаи кӯдак, аллаи модар, дуои солхӯрдагон ва оромии шабу рӯз аз он аст, – мегӯяд Мавлуда Ҳамдамова аз ноҳияи Риштони вилояти Фарғона.

– Духтари маҳалларо келин кардам. Солҳои аввали зиндагии ҷавонон хуб буд, аз байн 9-10 сол гузашт, аммо бахти падару модар шудан аз онҳо рӯ тофта буд. Дар оилаам тирагӣ ҳукмрон буд. Баъзе ҳолдонҳо маслиҳат медоданд, ки ҷавонон аз якдигар ҷудо шаванд, баъзеашон «тифлеро гирифта калон кунед, баъд Худо метеяд» мегуфтанд. Дар деҳаи ҳамсоя ҷавонзане ҳангоми таваллуд аз олам чашм пӯшид. Навзодро бо розигии падараш ба хона овардем ва писару келинам ба фарзандӣ қабул карданд. Аллоҳ ба писару келинам аввало сабр, пасон фарзанд дод. Ба гӯши навзодони мо, ки зери осмони мусаффо, дар оғӯши падару модар ба воя мерасанд, азон гуфтан урфест қадима. Аммо афсус, ки ҳазорон тифлакони ҷангзада аз ин бахт бебаҳраанд. Ба гӯши онҳо ба ҷойи азон бори аввал садои даҳшатноки тarкиши тиру туфанг мерасад, ки қалби ҳар як модар ба изтироб меафтад, – гуфт Насиба Акрамова аз деҳаи Бӯзии ноҳияи Самарқанд.

– Имрӯзҳо дар кӯчаю хиёбонҳои шаҳрамон шумораи хориҷиён торафт зиёд шуда истодааст, онҳо ба ҳаёти мо, истиқлолияти мо бо чашми ҳавас менигаранд, таътили худро дар диёри мо мегузаронанд. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки сарҳадҳоямон доимо дар зери назорат аст, – ба суҳбат ҳамроҳ шуд Муҳаббат Маҳмудова аз кӯчаи Сӯзангарони шаҳри Самарқанд.

Сӯҳбати ҳамсабақон бо шукронаи зиндагӣ, неъмати истиқлол давомдор буд. Ба фикрам, неъматҳои дигар аз неъмати истиқлол як зина поинтар меистанд. Чунки дар ҷое, ки осудагӣ ва сулҳу салоҳ ҳукмрон аст, инсон ба орзуву ниятҳояш мерасад. Бигзор, дар қалби ҳар яки мо завқу шавқ ба ҳаёт, боварӣ ба фардо ҳукмрон бошад.

**Саодат БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*САМАРҚАНД.*

*Дар «Боғи ҷавонон»-и маҳаллаи сайёҳии «Қурғон»-и ноҳияи Ғиждувон ба мақсади тарғиби анъанаҳои ҳунармандӣ, қадрият ва урфу одатҳои миллиамон фестивали «Пазандагӣ ва кулолгарии Ғиждувон» ташкил шуд.*

*Дар он ба сайёҳони хориҷӣ, меҳмонони шаҳр ва аҳолии маҳаллӣ мероси бой, ҳунармандии миллӣ ва санъати пазандагии мардуми Бухороро намоиш доданд.*

*Дар доираи фестивал дарсҳои маҳорати кашидадӯзӣ, кулолгарӣ ва намоиши асарҳои рассомони ҷавон, инчунин баромади ҷамоаҳои фолклорӣ ба иштирокчиён кайфияти хуш бахшиданд.*

*Мактаби машҳури кулолгарӣ ва таомҳои миллии Ғиждувон ба иштирокчиёни фестивал таассуроти калон гузоштанд.*

***Сурат ва лавҳаи аз канали расмии ҳокимияти вилояти Бухоро.***



# ИНСОН ВА УСТОДИ ФОЗИЛ...

## ЁДИ УСТОД

Муаллим Муҳаммадҷон Шукуров аз устодони хуби банда буданд, ки ба мо дар синфҳои болоии мактаби рақами 12-уми ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё аз риёзиёт дарс додаанд. Омӯзгори самимӣ, оромтабиат... Нафареро сахт сарзаниш карданашонро ёд надорам, надидаам...

Пас аз солҳои 2000-ум китоби шеърҳояшон «Хоки пок» ба дастам расид. Ростӣ, ҳам хурсанд шудам,ҳам дар ҳайрат мондам. Ашъорашон дилпазир буд, дар онҳо хислатҳои неки инсонӣ мадҳ, амалҳои зишт мазаммат мешуданд... Сипас китобҳои дигарашон «Субҳи содиқ» (2004), «Нахли пурсамар»(2017) низ чоп шуданд. Китоби охиринашон бо номи «Ифшои роз» соли 2018 аз чоп баромад ва бо кӯшиши устод Абдуллоҳи Раҳмон 15 декабри ҳамон сол тадбири бошукӯҳи тақдимоти ин китоб, ҳамчунин ҷашни 80-солагии эшон дар толори фаъолони коллеҷи агросаноати Сариосиё баргузор шуд. Дар он аҳли қалами ноҳияву вилоят, меҳмонон аз Тирмизу Самарқанд иштирок намуданд.

Устод 30 июни соли 2020 дар синни 82 олами фониро падруд гуфтанд. Рӯҳи эшон аз шогирдон шод бошад!

## ЗЕРИ СЕБ – СЕБ МЕАФТАД

Фозилҷон Шукуров – Фозил Шукурӣ дар оилаи ана ҳамин омӯзгори шоир – Муҳаммадҷон Шукуров соли 1967 таваллуд шудааст. Солҳои 1974-1984 дар мактаби зикршуда, солҳои 1988-1993 дар факултаи ховаршиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон таҳсил намуд. Чанд муддат дар литсейи академии шаҳраки Шарғун, инчунин дар мактаби рақами 12 ва 56 омӯзгорӣ кард. Корманди рӯзномаҳои «Садои Сурхон», «Сариосиё» буд. Аз соли 2013 дар рӯзномаи «Овози Самарқанд» хидмат мекунад. Ҳамчунин аз соли 2014 дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд фаъолияти омӯзгориашро оғоз кард, ҳоло доктори фалсафа оид ба улуми филологӣ (PhD), дотсенти кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои Шарқ аст. Падари як духтар ва ду писар, бобои меҳрубони набераҳои дӯстрӯст.



Фозил Шукурӣ низ чун падари шодравонаш шоир, посдори ёди поки ниёгон ва пайвандонаш мебошад. Китоби аввалини ӯ «Тафсири дил» (Тирмиз – 1999) ба хотираи поки хоҳараш Инобат бахшида шудааст. Китобҳои дигараш «Оинавор» (Самарқанд – 2005), «Ҷойи пойи ашкҳо» (Самарқанд – 2007), «Яъне, ту, эй хубӣ!» (Тошканд – 2014) мебошанд. Муаллифи рисолаи «Бисотии Самарқандӣ ва муҳити адабии Мовароуннаҳр дар асрҳои XIV-XV» аст. Устод Фозилҷон Шукуров соли 2023 китоби пурарзиши дарсии «Забонҳои Шарқ (арабӣ)»-ро нашр намуд. Ӯ муаллифи чандин мақолаи илмӣ, дастурамалҳои таълимию услубӣ низ мебошад.

Китоби наваш бо номи «Дилрӯшноӣ», ки соли 2024 дар Самарқанд чоп шуд, аз 5 боб иборат буда, аз шеърҳо, ғазалҳо ва байту фардҳо мураттаб шудааст. Мутолиаи китоб қалбро мунаввар ва воқеан ба дил рӯшноӣ ато мекунад. Офарин, шоири дилошно, килкат ҳамеша сабз бод!

Камина аз он ки бо шоир, рӯзноманигор, тарҷумон, забондон, луғатдон устод Фозил Шукурӣ дӯстӣ дорам, ифтихормандам. Ӯ дар ҳақиқат инсонест фозил, шоирест ориф, мардест одил, ки пиндору гуфтору кирдораш як аст. Ба дӯсту бародари азиз Фозил Шукурӣ саломатӣ, хушбахтии оилавӣ, ба фаъолияти омӯзгорӣ ва эҷодиашон комёбиҳо орзумандам:

*Ҷаҳонат ба кому фалак ёр бод,*
*Ҷаҳонофаринат мададгор бод!*

**Маҳкам ҶАЪФАРОВ,**
*вилояти СУРХОНДАРЁ.*

***Дар арафаи соли нави хониши 2025-2026 дар шаҳри Учқудуқ чун анъана чаҳорумин форуми миллии омӯзгорони вилояти Навоӣ баргузор гардид. Машғулотҳои аввалини форум дар мактаби рақами 20 оғоз гардида, дар он роҳбарони мактабҳо ва мураббиёни соҳа, дарсҳои намунавӣ гузарониданд.***

# ЧАҲОРУМИН ФОРУМИ МИЛЛИИ ОМӮЗГОРОН

Ҷамъомади умумии иштирокдорони форум дар хонаи маданияти «Учқудуқ» баргузор шуд. Дар кори он ҷонишини ҳокими ноҳия Нурладин Муратов иштирок намуд ва ҳозиринро бо фарорасии иди бошукӯҳи Истиқлол ва оғози соли нави хониш табрик намуд.

Дар поёни ҷамъомад омӯзгорони соҳибтаҷриба ва мураббиён бо тӯҳфаҳо мукофотонида шуданд. Ҳамчунин ба кӯдаконе, ки соли равон ба мактаб меоянд, тӯҳфаи Президент иборат аз 13 намуд ашёи хониш супорида шуд. Соли равон 946 нафар кӯдакон бори аввал ба остонаи мактаб қадам мегузоранд.

Имрӯз 27 фоиз омӯзгорони ноҳия дорои тоифаи олӣ, 28 фоиз дорои тоифаи якум, 15,7 фоиз дорои тоифаи дуюми тахассусӣ мебошанд. 40 нафар омӯзгор аз имкониятҳои муҳайёнамудаи сарвари давлат баҳраманд гардида, аз 1000 то 1500 доллари амрико маош мегиранд.

Дар ноҳияи Учқудуқ кори таълиму тарбия хуб ба роҳ монда шудааст. Ноҳия нисбати холҳои ба дастовардаи хатмкунандагон ҳангоми дохилшавӣ ба донишгоҳҳои Ӯзбекистон байни 208 ноҳияву шаҳр дар даҳгонаи аввал мустаҳкам мавқеъ гирифтааст.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти НАВОӢ.*

# РОҲНАМО ДАР РОҲИ МАЪРИФАТ

***Дар паси ҳар як муассисаи таълимии муваффақ, шахси фидоӣ қарор дорад – шахсе, ки бо дониш, таҷриба ва муҳаббати самимии худ роҳи ҳаёти садҳо шогирдонро равшан мекунад.***

***Дар замони пурпечутоби рушди ҷомеа, илму технология ва талаботи рӯзафзуни соҳаи маориф нақши сарвари мактаб беш аз ҳарвақта муҳимтар гардидааст. Мактаб имрӯз на танҳо маркази таълим, балки муҳити тарбияи шахсияти комил, созандаи ҷомеаи фардо ба ҳисоб меравад. Маҳз дар ҳамин раванд роҳбари муосир ҳамчун раҳнамо ва танзимкунандаи асосии тамоми ҷараёнҳои таълимӣ ва тарбиявӣ баромад мекунад.***



Рушди ҷомеа ва некӯаҳволии миллӣ ҳамеша бо тарбияи насли наврас, кадрҳои наве, ки донишҳои муосирро амиқ аз худ намудаанд, алоқаманд аст. Дар мамлакати мо тарбияи насли наврас, ташаккули ҷаҳонбинии онҳо дар асоси арзишҳои нав ба сатҳи сиёсати давлатӣ бардошта шуда, барои соҳиби маълумоти мукаммал шудани онҳо тамоми имкониятҳо фароҳам оварда шудааст. Натиҷаи ҳамин аст, ки хатмкунандагони шаҳру ноҳияҳои вилояти Намангон, ки ба сӯйи фардо ғайратмандона қадам мезананд, қуллаҳои баланди илмро фатҳ намуда, комёбиҳоро давом медиҳанд.

Яке аз чеҳраҳои намунавӣ, ки бо меҳнат, масъулият ва садоқат ба кори худ шуҳрат пайдо кардааст, директори мактаб-интернати давлатии тахассусонидаи 9-уми ноҳияи Косонсой – Маъмура Султонова мебошад.

М. Султонова зиёда аз 40 сол аст, ки дар соҳаи маориф фаъолият менамояд. Ӯ фаъолияти худро ҳамчун омӯзгори фанни математика оғоз намуда, 17 сол инҷониб сарварии мактабро бар ӯҳда дорад. Дар давоми фаъолияти роҳбарии худ дар мактаб тавонистааст як муҳити омӯзиши солим, муассир ва пурмаҳсулро барои хонандагон ташкил намояд.

Сарвари ҳақиқии мактаб на танҳо роҳбари маъмурии мактаб аст. Ӯ пеш аз ҳама омӯзгор аст. Омӯзгоре, ки акнун масъулияти даҳҳо омӯзгор ва садҳо насли наврасро бар дӯш дорад. Ҳар қарор, ҳар пешниҳоди ӯ метавонад ояндаи як шогирд, ё як синфро тағйир диҳад.

Зери роҳбарии Маъмура Султонова мактаб якчанд маротиба дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ сазовори ҷоизаҳо гардида, омӯзгорон ва хонандагон бо муваффақиятҳои назаррас номбардори маскани таълим гаштаанд. Шумораи донишҷӯёни дорои сертификатҳои байналхалқӣ аз забонҳои хориҷӣ сол аз сол меафзояд. Хонандагон инчунин дар барномаҳои муҳими иҷтимоӣ ва ихтироъ, аз ҷумла озмуни лоиҳаҳои навоварона ширкат варзида, бо пешниҳоди ғояҳои созанда сазовори диплом ва туҳфаҳои арзишманд гаштаанд.

Ин ҳама муваффақиятҳо на танҳо нишонаи иқтидори зеҳнӣ ва эҷодии хонандагон, балки пуштибонии ҳамаҷонибаи роҳбарият ва омӯзгорони муассисаи таълимӣ мебошанд.

– Саъю кӯшиши мо самараи хуб дода истодааст, – мегӯяд роҳбари мактаб. – Нахуст, дар ҳамкорӣ бо ҷамоаи мактаб, ки ба илмҳои дақиқ таваҷҷуҳи амиқ дорад, падару модарон якҷоя шавқу ҳавас, қобилият ва хоҳиши хонандагонро омӯхта, ба самтҳои мувофиқ ва синфҳои махсуси омодагӣ ҷудо намудем. Яъне мо бо онҳо як ба як суҳбат карда, шавқу ҳавасашонро омӯхтем. Дар ҳамин асос онҳоро ба гуруҳҳо тақсим кардем. Муҳимтар аз ҳама, мо ба он аҳамият медиҳем, ки омӯзгорони соҳибихтисос ба ин гурӯҳҳо дарс мегузаранд. Омӯзиши гурӯҳҳо барои омӯзиши амиқ аз дарсҳои СДТ ҷудо карда мешавад. Яъне дониши хонандагон дар вақтҳои холии онҳо боз ҳам мустаҳкам мегардад. Омӯзгорони вобасташуда то ба мактаби олӣ дохил шудани хонандагон ёрии зарурӣ мерасонанд. Дар амалӣ гардондани ин ташаббусҳо ба дониши кадрҳо низ диққати калон додем. Мо беҳтарин, соҳибихтисостарин ва ташаббускортаринро интихоб кардем. Ҳоло 86 фоизи муаллимони ҷамоаи мактаб дорои тоифаҳои олӣ ва якум мебошанд.

Ҷиҳати дигари қобили таваҷҷуҳ ин аст, ки ҳамаи хатмкунандагон ба гирифтани сертификатҳои байналхалқӣ омодаанд. Муддати 5 сол аст, ки донишҷӯёни мактаб дар дохил шудан ба мактабҳои олии ватанӣ ва хориҷӣ ба натиҷаи 100 фоиз ноил мегарданд.

Тавре медонем, пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ба донишгоҳҳои хориҷӣ ва супоридани имтиҳонҳо аз мо куллан фарқ мекунад. Барои ин дар мактаб мутахассисони соҳибихтисос ҷалб шуда, ба донишҷӯён оиди пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ба донишгоҳҳои хориҷӣ омӯзиш ташкил шудааст.

Инчунин мактаб бо Агентии баҳогузории дониш ва маҳорат дар вилояти Намангон ҳамкорӣ ба роҳ мондааст, ки то дар 3 моҳ баҳодиҳии дониши хатмкунандагон ва ошкор намудани хатогиҳо анҷом дода шавад. Аз рӯйи натиҷаҳои санҷише, ки дар муҳлати муқарраршуда гузаронида шудаанд, камбудиҳои дониши ҳар як талаба муайян мешавад.

Яке аз нишондиҳандаҳои асосии самараноки кори мактаб сатҳи дохилшавии хонандагон ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ мебошад. Дар соли таҳсили 2024-2025 82 нафар дастпарварон мактабро бомуваффақият хатм карда, аз 31 фоиз 100 фоизаш дар асоси грант ба муассисаҳои таълими олӣ дохил шуданд.

Ин натиҷаи назаррас аз як тараф бозгӯи заҳмати пайвастаи омӯзгорон бошад, аз тарафи дигар шаҳодати таваҷҷуҳ ба корбарии самараноки сарвари мактаб – Маъмура Султонова дар самти баланд бардоштани сифати таълим ва тарбияи насли нав мебошад.

Маҷлиси видеоселекторӣ, ки 28-уми августи соли 2023 таҳти раёсати Сарвари давлат доир ба «Боз ҳам беҳтар намудани сифати таълим дар мактабҳо, зиёд намудани шумораи хонандагон, такмили ихтисоси омӯзгорон ва фароҳам овардани шароити муносиб барои онҳо» баргузор гардид, дар ҳаёти Маъмура Султонова саҳифаи нав кушод. Вай дар вохӯрӣ тавассути студияи вилояти Намангон ширкат варзида, бо Сарвари давлат суҳбати самимӣ кард. Қаҳрамони мо дар ин бора бо эҳсосоти баланд нақл мекунад:

– Дар бораи дастовардҳои хонандагону омӯзгорони мактабе, ки сарварӣ мекунам, дар видеоселектор сухан рондам, аз ҷумла, дар давоми чанд сол паиҳам хатмкунандагони мо бо натиҷаи баланд ба мактабҳои олӣ дохил мешаванд. Муҳимтар аз ҳама, омилҳое, ки боиси ба даст овардани ин дастовардҳо гардиданд, ташаббуси ҷамоаи мо Президентро шод кард. Сипас, Сарвари кишвар «Имрӯз ба шумо мукофоти давлатӣ медиҳам, пас аз ҷаласа имзо мекунам» гуфтанд. Вақти зиёд нагузашта ба ман унвони «Корманди хидматнишондодаи маорифи халқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон»-ро доданд. Аз чунин таваҷҷуҳ ва эҳтиром нисбат ба муаллими одии деҳот аз чашмонам ашки шодӣ рехт.

М. Султонова инчунин барои хидматҳои шоёнаш соли 2015 бо нишони сарисинагии «Аълочии таълими халқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон» ва соли 2020 бо нишони «Мӯътабар аёл» сарфароз гаштааст.

Вақте ки мо бо таҷрибаи қаҳрамонамон шинос мешавем, шоҳиди он шудем, ки фароҳам овардани имконият барои ҷавонон ва ба даст овардани натиҷаи муассир ба ташаббус ва фаъолияти як роҳбари фидокор вобаста аст.

Яке аз омилҳои асосии ин комёбиҳо – сиёсати ҳадафнок ва ғамхории бевоситаи директор маҳсуб мешавад, ки бо эҷоди муҳити мусоиди омӯзишу рушди шахсӣ имконият медиҳад, ки ҳар як хонанда ва муаллим истеъдоди худро ошкор кунад.

Бо чунин муваффақиятҳо мактаб-интернат на танҳо ҷойи омӯзиш, балки маркази рушди истеъдод ва тарбияи шахсиятҳои шоиста шудааст. — Устоди мо – Маъмура Султонова шахси меҳрубон, вале дар айни замон фидокору адолатпеша мебошанд. Ҳар як шахс метавонад тавассути корҳои наҷибе, ки барои рушди ҷомеа манфиатовар аст, номи худро ба некӣ боқӣ гузорад ва байни мардум эътибор пайдо кунад. Устодамон аз ҷумлаи чунин шахсон буда, дар тарбия ёфтани садҳо кадрҳои баландихтисос саҳми арзанда гузоштаанд. Зеро шогирди хуб ифтихори муаллим мегардад, – мегӯяд хатмкардаи мактаб, докторанти Донишгоҳи забонҳои хориҷии Ӯзбекистон Шоҳида Ҷумъазода.

Бовар дорем, ки бо роҳбарии чунин устодони арзанда соҳаи маориф рӯз аз рӯз рушд мекунад ва мактаб-интернатҳо ба масканҳои воқеии тарбияи инсонҳои бомаърифат табдил меёбад.

**Мағфират МАМАҶОНОВА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Ҷонишини сармуҳаррир Тоҷибой ИКРОМОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-828.
Адади нашр 3701. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Муҳаррири навбатдор: Г. Кабирова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 00.30

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.